**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон доктори илмҳои**
**иқтисодӣ, профессор**
**Хушвахтзода Қ.Х.**

________________________________

«1» _____03_________2022 с.

ХУЛОСА

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX–ибтидои асри XX)» дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Баҳорзода Сироҷиддин ҳамчун аспиранти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Соли 2017 факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси муаррих бо дипломи “аъло” хатм намуд.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ёрмуҳамматов А., номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Аз рӯи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми таърих – саҳми С. Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX) бахшида шудааст.

Дар кор бо назардошти вазъи имрӯзаи илми таърих ва талаботҳои он баҳри қонеъ сохтани меъёрҳои илмӣ масъалаҳои зерин таҳқиқ карда шудаанд, ки навгониҳои илмии онро инъикос менамоянд: 1) саҳми

Садриддин Айнӣ яке аз асосгузорони илми таърихи муосири халқи тоҷик ва омӯзиши саҳифаҳои мубрами таърихи миллат аз ҷониби ӯ; 2) таҳлилу омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик марбут ба охири асри XIX аз ҷониби Садриддин Айнӣ ва нишон додани хусусиятҳои хоси ин марҳилаи таърихӣ; 3) таҳқиқи ҳаракати маорифпарварӣ дар асоси осори С. Айнӣ ва аҳамияти назариявию амалии он дар роҳи маърифаткунонии ҷомеа; 4) ба таври объективӣ баҳогузорӣ намудани фаъолияти ҷадидон ва нақши С. Айнӣ дар инъикоси масоили мазкур; 5) таҳлилу баррасии вазъи сиёсии аморати Бухоро дар ибтидои асри XX дар такя ба осор ва мушоҳидаҳои С. Айнӣ нигоҳи устод доир ба сиёсати амирон ва ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба мардум ва натиҷаҳои он.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсияро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади таърихӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: омӯзиши далелу санадҳо, таҳлил, таҳлили нисбияти таърихӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ, азнавсозии таърихӣ-мантиқӣ ва хулосабарорӣ истифода шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки натиҷаи таҳқиқоти рисолаи мазкурро метавон дар омӯзиш ва равшан намудани таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд. Ҳамчунин, дар донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар метавон онро ба сифати курси махсуси омӯзишӣ мавриди истифода қарор дод. Маводҳои рисолаи мазкур метавонад дар давраи мавриди таҳқиқшаванда ва ба ин восита баланд бардоштани ҳувияту худогоҳии миллии насли навраси Тоҷикистони соҳибистиқлол кумаки амалӣ расонад.

Омӯзиши таърихи халқи худ яке аз роҳҳои асосии таҳкими худшиносию инкишофи тафаккури миллӣ баҳри созандагӣ ва бунёдкорӣ дар натиҷаи ибрат гирифтан аз гузаштаи пурифтихори худ маҳсуб меёбад.

Мубрамияти омӯзиш ва таҳқиқи осори С. Айниро оид ба таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX муаллифи рисола дар чунин нуқтаҳо асоснок кардааст: дар заминаи инъикоси таърихи миллат, исбот намудани қадимияти халқи тоҷику фарҳанги волои он ва ҳуқуқи соҳибдавлат гардидани вай аз ҷониби С. Айнӣ; инъикоси мақому ҷойгаҳи халқи тоҷик дар рушди фарҳангу маънавиёти ҷомеа дар такя ба таҳлили сарчашамаҳои таърихӣ; инъикоси хусусиятҳои хоси таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз ҷониби шоҳид ва донишманди замон бо дар назардошти воеқеият; нишон додани саҳми беназири аллома Садриддин Айнӣ дар инъикоси таърихи воқеии халқу миллати тоҷик ва натиҷаи он дар рушди дурнамои миллату давлат.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро асарҳои илмӣ - назариявии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ташкил медиҳад. Ҳамчунин, ба таври объективӣ баҳогузорӣ намудани масоили мубрами давраи мазкурро дар осори С. Айнӣ ва нишон додани хусусиятҳои умумӣ ва хоси назарияи ӯро фаро мегирад.

Муҳаққиқ мубрам будани омӯзишу таҳлили мавзӯи мазкурро дар замони муосир таъкид намуда, роҳҳои боз ҳам таҳқиқи фарогир намудани таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-ро нишон додааст.

Даврабандии марҳилаи мазкур натиҷаи таҳқиқоти муаллиф буда, ҳар яке аз ин даврахо бо дарназардошти саҳм ва нақши С. Айнӣ дар омӯзиши масоили мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ- таҳқиқотии кафедраи мазкур “Нишон додани саҳми

барҷастаи фарзона фарзандони тоҷик дар инъикоси таърихи халқи тоҷик” номгузорӣ шудааст, ки дарбаргирандаи мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳилаҳои мубрами таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд. Инчунин метавон маводҳои диссертатсияи мазкурро дар ихтисосҳои таърихи муассисаҳои олии кишвар дар рафти дарсҳои курси махсуси омӯзишӣ дар истифода қарор дод. Маводди рисолаи мазкурро метавон дар равшану возеҳ гардонидани масъалаҳои баҳсталаби марҳилаҳои муайяни таърихи халқи тоҷик мавриди истифода қарор дод.

Таҳқиқотчӣ дар асоси осори устод С. Айнӣ ва таҳлилу муқоисаи он бо осори дигар донишмандон масъалаҳои мубрами бахшида ба таърихи халқи тоҷикро баррасӣ намудааст. Бо ин саҳми бузурги аллома Садриддин Айниро дар роҳи омӯзиш ва равшан намудани саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик, ки яке аз аввалин инъикоскунандаҳои таърихи воқеии миллат мебошад, нишон медиҳад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дақиқ будани маълумот, басандагии ҳаҷми маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ ва муқоисаи осори С. Айнӣ бо дигар осор асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия унвонҷӯ 8 мақолаи илмӣ ба табъ расондааст, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

[1-М]. Баҳорзода С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар шинохти таърихи тоҷикон [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2018. – №7. С. 47-51.

[2-М]. Баҳорзода С. Инъикоси маданияти Мовароуннаҳру Хуросон (асри XII) лар осори Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2018. – №8. С. 76-79.

[3-М]. Баҳорзода С. Садриддин Айнӣ ва фармони 7-апрели соли 1917 амир Олимхон оид ба ислоҳот [Матн] /А. Ёрмуҳамматов, С. Баҳорзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2019. – №6. С. 28-32.

[4-М]. Баҳорзода С. Таҳқиқи масоили маорифпарварӣ дар осори Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2019. – №7. С. 52-57.

[5-М]. Баҳорзода С. Наводир-ул-вақоеъ-и Аҳмади Дониш аз ниохи С. Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода. А. Ёрмуҳамматов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2020. – №10. С. 52-57.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддин дар мавзӯи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX–ибтидои асри XX)» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддин дар мавзӯи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX–ибтидои асри XX)» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратмаҷлиси №7 аз «22»-юми феврали соли 2022.

**Раисикунанда:**
**н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи**
**таърихнигорӣ ва архившиносӣ**
**факултети таърихӣ ДМТ:** **Ғуломов Т.М.**

**Котиб:**
**н.и.т., дотсенти кафедраи**
**таърихнигорӣ ва архившиносӣ**
**факултети таърихӣ ДМТ:** **Шарофиддинов С.С.**

**Тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**